**Шодибек Шайхсафо**

**МӮРЧАИ ШИНОВАР**

Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 25.04.2011 супурда шуд.
Чопаш 28.04.2011 ба имзо расид.
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 2,0.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17 а.

Шодибек ШАЙХСАФО

# МӮРЧАИ ШИНОВАР



Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ш-41

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

Ш-41 **Шодибек Шайхсафо. Мӯрчаи шиновар**
– Душанбе, Адиб, 2011, 32 саҳ.

ISBN 978-99947-2-072-9

© Шодибек Шайхсафо, 2011

# ЧИСТОНҲО

Бо мо ҳамроҳ мегардад,
Бо ишкам роҳ мегардад. (Соя)

Дар як хона шаст аскар,
Шаст аскари хушпайкар.
Яктояш берун ояд,
Даррав оташ бикшояд. (Гӯгирд)

Холӣ биравад ба сӯи бозор,
Ояд бағалаш-пуропури бор. (Борхалта)

Ҳарчанд, ки бичастам,
Аз ҳалқааш нарастам. (Ҷаҳҷаҳак)

Оғӯши боз дорад,
Хастагиро барорад. (Курсӣ)

Бо асп ҳамроҳ мегардад,
Таг-таги по мегардад. (Наъл)

Дар як танӯри маҳкам,
Сурхкулчаи пухта ҷамъ. (Анор)

## ТУБИ НАВ

Дадом омад аз Москав,
Овард ба ман туби нав.

Онро гирифта тозон
Рафтам назди бачагон.

Бо шодӣ ҳай тозидем
Бо туби нав бозидем.

Аз ин тараф Салим зад,
Аз он тараф Ҳалим зад.

Хуршед бо пои чап зад,
Ҷамшед дар вақти гап зад.

Бозор зад бо ситеза,
Нор зад сӯи тиреза.

Рафта бинам кафидаст,
Шиша ба он халидаст.



## ДАБИСТОН

Ба мисли тифлакони аҳли модар,
Ба мисли ахтарони як шабистон,
Ҳамеша дар барат будем дилшод,
Аё эй маскани дониш, дабистон!

Ба мисли меваи нимхом будем,
К-аз обу офтобат мо пазидем,
Миёни ҷумлаи илму ҳунарҳо
Ба роҳи мақсади худ то расидем.

Ту будӣ қуввати дил, зӯри бозу,
Бипарвардӣ, ту моро бо муҳаббат
Ту будӣ такягоҳи қисмати мо,
Дабистон будаӣ худ, ё муҳаббат?

Расид имрӯз ҳангоми ҷудоӣ,
Ҳама ҳар сӯ равона шоду ношод,
Бимонад дар дилу дар дида аммо
Ҳамеша меҳри мактаб, меҳри устод!



## ВЕЛОСИПЕДРОН ҲАСТАМ

Велосипедрон ҳастам,
Хушнуду хандон ҳастам.

Ҳар ҷо хоҳам меравам,
Рулаки он дар дастам.

Гоҳе рулаш сар дода,
Ба ҳар сӯ медавонам.

Кӯдаконро тарсонда
Ба сӯяшон меронам…

Рӯзе вақти чунин кор,
Афтидам дар як ҷӯйбор,

Рули велосипедам,
Бинниро намуд абгор…

## ИБРАТ

Як селаи гунҷишкон
Дар обаки лаби ҷӯ.

Хӯрданд обу карданд
Шодона пас шустушӯ.

Аз ин гунҷишкон, эй кош,
Ибрат бигирад Нодир,

Дасту рӯяшро шӯяд
Як дафъа вай ҳам, охир…



## ИМТИҲОН

Имтиҳон, эй имтиҳон, эй имтиҳон,
Завқбахшу ғамбиёри кӯдакон!

Як гурӯҳеро намоӣ шод ту,
Дигареро оварӣ бар дод ту.

Ин яке шодон зи «5»-у «4»-и ту
В-он дигар нолида аз душвори ту.

Имтиҳон, эй имтиҳон, эй имтиҳон,
Нестӣ иди ҳама хонандагон!

Танбалон аз ту гурезон мераванд,
Кунҷаке бо ашки резон мераванд.

Пешдастон сарфарозӣ мекунанд,
Ҷумларо хурсанду розӣ мекунанд,

Имтиҳон, эй имтиҳон, эй имтиҳон,
Тарсу ваҳму шавқу шӯри кӯдакон!

## БАҲОИ «3»

Эй баҳои «3»,
Эй ҷӯраи «2»,
Доим аз пасам
Кашолаи ту!

Аз ҳама фанҳо,
Баҳоям якранг:
«3»-ву «3»-ву «3»,
Калаам – гаранг!

3-ин гуна хондан
Чӣ мешавам ман?
Фардо, надонам,
Кӣ мешавам ман?!



## ПОСБОН

Ана, дигар саҳар шуд,
Як рӯзаки дигар шуд.

Модар ба кори худ рафт,
Падар ба кори худ рафт.

Ба мактабаш рафт Усмон,
Аскар – ба кӯдакистон.

Дар остони хона,
Чун посбони хона,

Танҳо бимонд Ҳушёр,
Ҳушёраки вафодор!





## ОРЗУ

Агар калон шавам ман,
Мисли акоям Бозор,
Касби маъданшиносӣ
Менамоям ихтиёр.

Кони ҳар гуна маъдан
Ҳар теппаю чару кӯҳ,
Хоҳӣ биёфт ҳар ҷо
Тиллову нуқраву рӯҳ.

Монанди ӯ бо пурбин
Ман кӯҳҳоро мекобам,
Аз ҳар канори кишвар
Канданиҳо меёбам…

Хазинаи Ватанро,
Пур мекунам аз маъдан,
То Ватан розӣ гардад,
Гӯяд: – Писарҷон, аҳсан!





## ИЛТИҶО

– Эй моҳи тобон!
– Эй моҳи рахшон!

Шабро бикун рӯз,
Рӯзи дилафрӯз,

То мо баччаҳо,
Андар кӯчаҳо,

Бозем хушҳол,
Давоми футбол.

## ПОСБОНИ КИШВАРАМ

Шаб ҳама хоб, лек мо бедор,
Шаб ҳама хоб, лек мо ҳушёр
Посбони кишварам.

То, ки осмон соф бошад,
То, ки хуршед нур пошад
Посбони кишварам.

То, ки сарҳад во намонад,
То, ки хасме по намонад
Посбони кишварам.

То, ки ҷанге сар наёбад,
Модарам осуда хобад
Посбони кишварам.



## КИШТИИ СӮҲРОБ

Киштии Сӯҳроб
Равон бо шитоб,
Аз байни туғён,
Аз пеши гирдоб.

Киштии Сӯҳроб
Равон сӯи Шарқ,
Наметарсад он
Аз раъду аз барқ.

Зеро ки киштӣ
Як нарди ток аст,
Аз ғарқ гаштан
Ӯро чӣ бок аст?!

## МЕҲМОННАВОЗӢ КУНЕМ!

Модарҷон меҳмон омад!
Холаи Райҳон омад!

Даррав-даррав биёед,
Дастархонро кушоед.

Нонаки нарм биёред,
Чояки гарм биёред.

Бо як лаълии гулдор
Биёред себу анор.

Ба дег аловак кунед,
Оши паловак кунед.

Шодиву бозӣ кунем,
Меҳмоннавозӣ кунем!



## ЭЪТИРОЗ

– Эй занбӯрак, эй занбӯр,
Эй занбӯраки айёр!
Бирав аз ҳавлии мо,
Бирав ту аз ин гулзор!

Ғингас чаро мекунӣ?
Мағал ба мо лозим нест!
Бирав тамоман бирав,
Асал ба мо лозим нест!

Дина аз шохи садбарг,
Ногоҳ чаро паридӣ?
Бинии додарамро
Барои чӣ газидӣ?!



## БАРОИ ЯК ЧАЛҒӮЗА

Ду хирсаки малламӯ,
Аз ҷангал, аз лаби ҷӯ

Якто чалғӯза ёфтанд,
Ҳар ду сӯяш шитофтанд.

Инаш гуфт: – Э, аз ман аст!
Гуфт онаш: – Не, аз ман аст!

Ду хирсак ҷанҷол карданд,
Ҳар ду моломол карданд.

Ғелиданду хазиданд,
Ҳамдигарро газиданд.

Ҳай ҷангу ҳай ҷанг карданд,
Ҳама ҷоро чанг карданд.

Бо дасту по бикуфтанд,
Хаста шуданду… хуфтанд…

Як санҷоби хушрӯяк,
Санҷобаки хушмӯяк,

Чалғӯзаро хонаш бурд,
Ҳамроҳи бачааш хурд.

## ШОГИРДИ БОБО

Бобои ман боғбон аст,
Дар ҳақиқат деҳқон аст.

Боғаш аз меваҳо пур,
Ҳар чӣ дилат хоҳад, хӯр!

Себу анору ангур
Бахшад ба чашми кас нур!

Ман баъди мактаб гоҳо
Меравам назди бобо.

Ба ӯ ёрӣ мекунам,
Мададгорӣ мекунам.

Бобом: – Аҳсан! – Мегӯяд,
Шогирди ман! – Мегӯяд.



## САБАБИ ГИРЯ

– Модарҷон, ин нинича,
Медонӣ чаро гирён?

Намехӯрад на палов,
Ва на картошкабирён?

Зеро ки ин нинича,
Ҳамчу бибии Хандон,

Дар даҳонаш надорад
Бечора, якта дандон!

## МӮРЧАИ ШИНОВАР

– Эй мӯрча, дар обӣ?
Бар куҷо мешитобӣ?

Рӯи барги хазонӣ?
Боз ғӯтида намонӣ?

– Не, ман чусту чобукам!
Аз оби ҷӯ сабукам!

Касби шиновариро
Медонам хубу аъло!



## БАЗМИ ОЛИҶАНОБ

Дар як рӯзи тобистон
Рафтам ба ҷангалистон.

Омад ба гӯшам аз тор
Нағмаи шӯхи дутор.

Рафтам ба пистазорон,
Дидам, ки базми хирсон.

Якто хирсаки малла
Мехонад: – Ҷон, таралла!

Шодон ду хирсаки бӯр
Мезад дутору танбӯр.

Аммо як хирсаки зард
Дигарҳоро қоил кард:

Дасте ба пӯшт монда,
Чашму абрӯ паронда,

Рақсид бо карашма,
Гардид гирди чашма.

Шӯре зи рақси якка
Мезад ба чарх дакка.

Дар бедорӣ буд, ё хоб,
Базме буд олиҷаноб.

## БОРОН ЧАК-ЧАК ЧАКИДАСТ…

Борон чак-чак чакидаст.
Боми мушак чакидаст.

Мушаки мо тар шудаст,
Бисёр музтар шудаст…

…Мушак гандуми бисёр
Дуздида буд аз анбор.

Аз ин борон тарсидаст,
Чун барги бед ларзидаст.

Баргашта дон кашондаст,
Ба анбор бурда мондаст.



## ТЕЛПАКИ ДАВАНДА

Телпаки додом имрӯз
Рӯйи хона давидаст,
Додарҷонам тарсида
Аз ҷо як қад паридаст.

Бибиҷони гулдӯзам
Дастакаш, ки ларзидаст,
Сӯзанакаш аз тарсаш
Ба ангушташ халидаст.

Дорад фақат думу по?
Алопар гашта ҳайрон.
Даҳони он дар куҷо?
О, ин чӣ гуна ҳайвон?

Телпак шудаст андаке,
Ҳангоми дав яклаба,
Бинанд, ки таг-тагаш
Мегаштааст … гурба!

## БАЧАҲОИ БЕПАРВО

Дар рӯи ҳавлии мо
Нору Ҳамиду Нозӣ
Бодбаракбозӣ карданд
Ҳамроҳи Нуру Розӣ.

Бодбаракҳо париданд
Ба шимолу ба ҷануб.
Баъзеяш шуд овезон
Дар тори симчӯб…

Хона ба хона рафтанд
Баъди бозӣ бачаҳо,
Бар дигарон бимонданд
Рӯбучини кӯчаҳо.



## ДУ ХАРГӮШАК

Дуто харгӯшак
Аз боғи кафтар
Карам дуздиданд
Барои модар.

Ид аст имрӯз,
Ҳаштуми март аст,
Тӯҳфа ба модар
Бисёр шарт аст.

…Модар аз ин кор
Огоҳ гардад,
Гӯши ду харгӯш…
Кӯтоҳ гардад!



## АЛЛА

Алла, ҷонам хоҳарам,
Аз ҷону дил беҳтарам!

Ту гавҳари ноёбӣ,
Аммо чаро бехобӣ?

Эй хуршеду моҳтобам,
Хоб рав, ки ман ҳам хобам.

Алла, ҷонам, хоҳарам!
Аз ҷону дил беҳтарам!